**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ТДУ: 338.24(575.3)**
**ТКБ - 65.059 (2Тоҷик)**
**З- 88**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ЗУВАЙДУЛЛОЕВА ГАНҶИНА ХОЛМУРОДОВНА**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФУ ХАТАРҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**(дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**Ихтисоси: 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

**Душанбе - 2021**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гарди-дааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,** доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинови** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Сафоев Абдумаҷид Каримович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия «13» ноябри соли 2021 соати 09.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суроғаи зерин доир мегардад: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, биноилимии факултетҳои иқтисодӣ.

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон https://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ эълон гардид. Вобаста ба ҳамин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми соли 2018 қайд намуд, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ тахти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад[1]. Ҳалли ин масъаларо дар тақвият додани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ, бо дарназардошти идоракунии хавфу хатарҳои он дидан мумкин аст. Чунки сатҳи рушди саноат инъикоси камолоти низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Аз нигоҳи иқтисодӣ, кишваре, ки соҳаи рушдёфтаи саноатӣ надорад ё сатҳи пасти тараққиёти саноатӣ аст, истеъмолкунандаи ашёи хоми бештари кишварҳои саноатӣ мебошад. Аз нуктаи назари иҷтимоӣ бошад, ин кишвар бо бартарии камбизоатӣ ва сатҳи пасти рушди сармояи инсонӣ, ақибмондагии бисёр бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра бо сабаби камчинии буҷет мебошад.

Дар иртибот ба ҳамин бо мақсади мӯътадил гардонидани вазъи иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, мустақилияти молиявии онҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ниҳоят зиёд кардани фоида ё дар ҳолати бадтарин, пешгирӣ кардани талафот ва муфлисшавӣ, корхонаҳо барои ҷалби сармоягузорӣ диққати бештар медиҳанд. Ин, албатта, яке аз омилҳои ба эътидол овардани гардиши сармоягузорӣ, таъмини он бо захираҳои зарурӣ, таҳкими вазъи молиявии корхонаҳо дар шароити номуайянӣ ва хавфи сармоягузорӣ мебошад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки муайян кардани системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии хавфҳо ҳангоми ҷалби сармоягузории корхонаҳои санатӣ, омилҳои ба он таъсиркунанда, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба кам кардани хатарҳо, пешниҳод намудани роҳу усулҳои камкунӣ ва идоракунии хатарҳои сармоягузорӣ муҳим мебошад. Фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити хавф ва номуайянӣ қарор дошта дар он муносибати илмӣ бо қарорҳои идоракунӣ, усулҳо ва воситаҳои лозимаро талаб мекунад.

Илова бар ин аз сабаби кам будани таваҷҷуҳ ба масъалаҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии корхонаҳо дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ муҳимияти дигари масъала мебошад.

Таҷриба дар рушди муносибатҳои бозорӣ нишон дод, ки сармоягузорӣ манбаи муҳимтарини рушди иқтисодӣ, заминаи молиявии пешрафт барои корхонаҳои саноатӣ мебошад. Равиши объективӣ ба сармоягузорӣ зарурати истифодаи механизмҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки идоракунии ба назар

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 [Пойгоҳи электронӣ] www.prezident.tj

гирифтани хавфҳои ҷорӣ, таҳлили самаранокии чораҳои андешидашуда ва қабули қарорҳои оптималӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад.

Сарфи назар аз таҷрибаи назарраси ватанӣ ва хусусан хориҷӣ дар соҳаи идоракунии хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, айни замон системаи идоракунии илмии хатарҳои лоиҳаҳо вуҷуд надорад. Илова бар ин, динамикаи афзояндаи равандҳои иқтисодӣ зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои нави самарабахши идоракунии хавфҳоро дар корхонаҳои саноатӣ талаб менамояд. Аз ин рӯ, асоснокии назариявии равишҳои методологӣ, таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ барои корхонаҳои саноатӣ таҳқиқоти муҳим мебошанд.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ.** Масъалаҳои илмии сармоягузорӣ, қабули қарорҳои сармоягузорӣ, хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар таҳқиқоти зиёди олимони хориҷӣ: Амелин Д. М., Брю С.Л., Ван Хорн Дж.К., Макконелл К.Р., Милль Дж. С., Маркс К., Розенберг Джерри М., Смит А., Энгельс Ф., ва олимони рус аз қабилӣ Абалкин Л.И., Афанасьев В. В., Белоусова Л.В., Булов В.Г., Борисова Д., Вяткин В.Н., Вяткин И.В., Гатаулин А.М., Дубров А. М., Дудова И. Л., Каплан А.В., Каплан В.Е., Кангро М. В., Кричевский Н.А., Лукашов А.В., Лагоша Б. А., Касаев Б.С., Михаилом Р., Мащенко М.В., Овечкина Е.В., Поляков Л.А., Рыхтикова Н.А., Соколов С. Силакова В.В., Хачатурян А.А., Хрусталев Е. Ю., Шкодинский С.В. ва дигарон баррасӣ ва омӯхта шудааст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаи сармоягузорӣ ва муайян намудани самарнокии онҳо, масъалаҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар чаҳорчӯби хавфу хатарҳои иқтисодӣ дар корҳои олимон: Абдуалимов Б., Абдуллоев А.Х., Бақоев Ш.С., Ғаниев Т.Б., Давлатзода Қ.Қ., Исайнов Х.Р., Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.Қ., Қодирзода Д.Б., Мирсаидов А.Б., Низомова Т.Д., Назарова Н.С.,Нуриллоев Х.Р., Одинаев Х.А., Ризоев С., Раҳимов З.А., Султонов З.С., Сатторов Ё.А., Саидмуродов М., Сафаров М., Саидмуродов (Баротзода) Ш.М., Тағоев Ҷ. Х., Файзуллоев М.Қ., Ҷӯраев Ш.Х., ва дигарон то андозае таҳқиқ ва омӯхта шудаанд. Қисмати бештари таҳқиқоти муаллифони ватанӣ ба масъалаи самаранокии сармоягузорӣ, аз он ҷумла бахши санотӣ, тадбирҳои эҳтиётӣ, механизмҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, масъалаҳои умумии методикаи муосири арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хавфу хатарҳо равона карда шудааст. Аммо то ҳол масъалаҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ камомӯхташуда боқӣ мемонанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ як қатор усулҳои таҳлили хавфу хатарҳои сармоягузориро мушоҳида намудан мумкин аст. Барои ба даст овардани натиҷаҳои дуруст дар раванди истифодаи ин усулҳо доштани иттилооти кофӣ ва эътимод зарур мебошад. Аммо таъмини иттилооти таҳлил ва идоракунии хавфу хатарҳо дар корхонаҳои саноатӣ ба таври пурра омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, хусусияти иттилооте, ки барои таҳлили хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат истифода шудааст, хусусиятҳои хоси худро

дошта, инчунин арзёбии индикаторҳои эҳтимолӣ ва алоқамандии онҳоро низ талаб мекунад. Илова бар ин, ҳаҷми зиёди захираҳои иттилооти зарурӣ имконият медиҳад, дар бораи моҳияти имконпазири нишондиҳандаҳо баёни андеша намоем. Дар раванди таҳқиқот ва арзёбии сатҳи хавфу хатарҳои корхонаҳои саноатӣ як қатор проблемаҳо пайдо мешаванд. Масалан, норасоии иттилоотии воқеӣ имкон намедиҳад эҳтимолияти талафоти даромад аз сармоягузорӣ, ки дар натиҷа ба сифати қабули қарорҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонад, дуруст ва дақиқ муайян карда шавад. Ҳамин тариқ, мушкилоти ҷамъоварӣ ва коркарди захираҳои иттилоотӣ, истифодаи усули комплексӣ барои такмил додани усулҳои таҳлил ва роҳҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ муҳим буда, омӯзиши иловагиро талаб менамояд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот** консепсияҳо, назарияҳо ва гипотезаҳои таҳиянамудаи классикони соҳаи иқтисодиёт, олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва хавфу хатарҳои сармоягузорӣ, инчунин санадҳои қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ва тадбирҳои пешгирикунанда дар фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос истифода гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот** - муайян намудани асосҳои назариявӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи дар диссертатсия нишондодашуда, ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- омӯзиш ва дақиқсозии асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ;
- муайян кардани таснифоти хавфу хатарҳо сармоягузорӣ, принсипҳои идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ ва таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи оиди идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- арзёбии вазъи муосири сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва хавфу хатарҳои он;
- муайян кардани сарчашмаҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхона-ҳои саноатии вилояти Хатлон;
- пешгӯи намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон;
- коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба асосноккунии прин-сипи сохтори низоми комплаенс-менеҷмент дар корхонаҳои санаотии ви-лояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** ҷанбаҳои методологии идоракунии хатарҳои сар-моягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо назардошти хусу-сиятҳои онҳо мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот аз усулҳои илмӣ, ба монанди усули индуксия, усули оморӣ,  усулҳои таҳлили омилҳо ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносно-маи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикис-тон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ:  менеҷмент мувофиқат мекунанд: 1.1.16. Арзёбӣ ва суғуртаи тавакалҳои субъектҳои хоҷагидорӣ; 1.1.18. Афзорҳо ва методҳои менеҷменти корхонаҳои саноатӣ, соҳаҳо ва муҷтамаъҳо; Менеҷмент 10.9 ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмӯҳлат миёнамӯҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯии давраҳои ҳаётии он; 10.11. Ҷараёни идоракунии ташкилот зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он. Ҳадафмуаяйнкунӣ ва банақшагири дар идоракунии ташкилот. Назорат мониторинги бенҷмаркинг. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ лоиҳаҳо. Идоракунии донишҳо. Менеҷменти таввакал. Идоракунии истеҳсолот. Системаҳои муосири истеҳсолӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2017-2021-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд

**Навигариҳои илмии таҳқиқот** асосноккунӣ ва рушди ҳолатҳои идоракунӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои муайян ва идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

**Натиҷаҳои назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, инҳо мебошанд:**

- муҳтавои хавфу хатар ба тағйироти мақсадноки низоми иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ равонашуда муайян карда шудаанд. Таърифи «хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии корхонаи саноатӣ, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст" пешниҳод карда шудааст;

- таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва мавқеи он дар идоракунии корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳои асосии идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шуданд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии хавфу хатар дар корхонаҳои саноатӣ ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи ИМА ҳангоми идоракунии

хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон асоснок карда шуд;

- вазъи муосири сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва хавфу хатарҳои он дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳа арзёбӣ карда шуда, омилҳои хавфи корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шуда, чораҳо барои кам кардани хавфҳо бо усулҳои худсуғуртакунии хавфҳо, ташкили диверсификатсияи маҳсулот, амалисозии банақшагирии алтернативӣ пешниҳод карда шуд;

- сарчашмаҳои асосии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои худӣ ва қарзҳои бонкӣ муайян карда шуда, гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон асоснок карда шудаанд;

- бо истифода аз моделҳои қатори вақтӣ ва моделҳои авторегрессионӣ дурнамои ҳаҷми истеҳсол, фурӯш ва сатҳи хавфи молиявии ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” ноҳияи Ёвон ва ҶДММ “Зироатшоҳ”-и ноҳияи Фархори вилояти Хатлон то соли 2025 коркард ва пешгӯи карда шуд;

- механизм ва принсипҳои идоракунии сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ба сифати сохтани низоми комплаенс-менеҷменти истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар шаклҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати идоракунӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқаррароти асосии илмию амалӣ ва хулосаҳои назариявии хавфу хатар ва хавфҳои сармоягузорӣ назаррас буда, метавон барои такмил додани механизми идоракунӣ ва паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ истифода шавад.

Низом ва усулҳои алоҳида барои муайян ва паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузории дар диссертатсия мавҷудбуда, метавонанд барои ташаккули лоиҳаҳои сармогузорӣ дар таҳқиқоти раванди таълимии факултетҳои иқтисодии мактабҳои олии мамлакат зимни омӯзиши курсҳои «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», «Менеҷмент», «Сармоягузориҳо» ва монанди инҳо мавриди истифода қарор бигиранд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таърифи хавфу хатар дар корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шудааст**;**

- таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳои идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шуданд;

- вазъи муосири сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва хавфу хатарҳои он арзёбӣ карда шуданд;

- сарчашмаҳои асосии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян карда шуданд;

- хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешгӯи карда шуданд

- коркарди тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба асосноккунии принсипи сохтори низоми комплаенс-менеҷмент дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз он ҷумла интихоб ва таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**. Натиҷаи маводи таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-амалии кафедраҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Менеҷмент», «Андоз ва андозбанди»-ӣ Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи илмию-амалии ҷумҳуриявии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (соли 2017), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (соли 2017), дар конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ «Об барои рушди устувор» соли 2018-2028, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (майи соли 2018), мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Як қатор тавсияҳои амалии муаллиф доир ба методи таҳлил ва паст намудани сатҳи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар фаъолияти бисёр корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон татбиқи худро дар амал пайдо намудаанд. Аз ин хусус маълумотнома дар бораи амалӣ намудани натиҷаҳои илмӣ, ки ба диссертатсия замима гардидааст, гувоҳӣ медиҳад.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4.4 ҷ.ч, аз ҷумла, 7 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия аз 177 саҳифаи чопи компютерӣ, сарсухан, се боб, хулоса иборат буда ва дар он 29 ҷадвал, 11 расм, 5 диаграмма ҷой дода шудааст.

## Мундариҷаи бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот

Дар «**Муқаддима**» муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва замонавӣ будани он асоснок карда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва объекти он муайян гардида, нуктаҳои ннавоварии илмӣ, санҷишу тасдиқ апробатсияи кор ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ»** ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ, таснифот, принсип ва методҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ корхонаҳои саноатӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи оиди идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вазъи имрӯзаи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, номгузори карда шуда, дар он масъалаҳои вазъи имрӯзаи соҳаи

саноат ва корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, таҳлили хавфу хатарҳо ва самаранокии сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ гузаронида шуда, сарчашмаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хавфу хатарҳои он дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон муайян гардидааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Такмили механизмҳои идоракунӣ хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ»**, механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон таҳия гардида, асосноккунии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертат-сионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Идоракунии хавфу хатар дар корхонаҳои саноатӣ хусусияти ба худ хос дорад, зеро корхонаҳои мазкур ҳаракатдиҳандаи асосии иқтисодиёт маҳсуб гардида, на танҳо масъулияти иқтисодӣ, балки иҷтимоиро низ бар душ доранд. Аммо дар соҳаи назарияи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузории корхонаҳои саноатӣ бошад вазъияте ба амал омадааст, ки ба низомдарорӣ ва омӯзиши амиқи донишҳои ғуншуда бе аниқкунии асосҳои консептуалии назарияи идоракунии хавф ва тавсифи мундариҷаи мазмуни он дар мувофиқат бо моҳияти аслии ҳодисаҳои дар идоракунии хавфҳо инъикосёбанда ниҳоят мушкил мебошад. Аз ин рӯ коркарди самтҳои асоснокшудаи назарияи рушд омӯзиши мавқеъ ва нақши хавфро дар раванди сармоягузории корхонаҳои санаотӣ тақозо менамояд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои тавсифи нисбатан пурраи мафҳуми «хавф» ошкор сохтани мазмуни мафҳуми «вазъияти хавф» ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро он бо мундариҷаи мафҳуми «хавф» алоқамандии бевосита дорад. Мафҳуми «вазъияти хавф»-ро ҳамчун маҷмӯи шароит ва ҳолатҳои гуногуне, ки вазъияти муайянро барои ин ё он намуди фаъолият ба вуҷуд меорад, муайян кардан мумкин аст. Худи вазъият метавонад барои татбиқ гардидани амал мусоидат намояд ва ё монеъ гардад.

Ба ақидаи диссертант вазъияти хавф аз ҳолати номуайянӣ сифатан фарқ дорад. Вазъияти номуайянӣ бо он тавсиф меёбад, ки эҳтимолияти оғози натиҷаҳои қарор ва ё ҳодиса асосан муқаррарнашаванда мебошад.

Дар асоси таҳлили муқоисавии назарияҳо диссертант муайян наму-дааст, ки вазъияти хавфро ҳамчун як навъ шакли ҳолати номуайянӣ тавсиф намуда, дар рафти он бавуҷудоии ҳодиса эътимоднок буда, онро муайян кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия назарияҳои гуногуни олимони хориҷию ватанӣ оид ба хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва моҳияти хатарҳои сармоягузорӣ омӯхта шуда ва унсурҳои асосии хавҳо таҳлил карда шудаанд (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. - Таҳаввулоти назарияи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ**

| НАЗАРИЯИ МАКТУБҲОИ ИҚТИСОДӢ ОИД БА ХАВФУ ХАТАР | | |
|---|---|---|
| Мактаби илмӣ | Намоянда ҳои мактаб | Андеша |
| Назарияи классикии | Мил ва Сениор | Хавфу хатарро ҳамчун талафи интизорӣ, ки дар натиҷаи қабули ин ва ё он қарор ба амал меояд, шарҳ доданд |
| Назарияи неоклассикӣ | Найт, Маршал ва Пигу | Дар шароити номуайянӣ фаъолият дорад ва фоидааш бузургии ногаҳонии тағйирёбанда аст, бояд ба ду критерия (маҳак) такя кунанд: ҳаҷми фоидаи интизорӣ ва миқдори имконпазири камузиёдшавии он. |
| НАЗАРИЯИ ОЛИМОНИ РУС | | |
| Каплан А.В., Каплан В.Е., Мащенко М.В., Овечкина Е.В. | 2008 | Дар шароити имрӯза дар соҳаи назарияи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузории корхонаҳои саноатӣ вазъияте ба амал омадааст, ки ба низомдарорӣ ва омӯзиши амиқи донишҳои ғуншуда бе аниқкунии асосҳои консептуалии назарияи идоракунии хавф ва тавсифи мундариҷаи мазмуни он дар мувофиқат бо моҳияти аслии ҳодисаҳои дар идоракунии хавфҳо инъикосёбанда ниҳоят мушкил мебошад |
| Лукашов А.В | 2005 | Идоракунии хавфҳо ҳамчун низоми зиёдгардонии арзиши саҳмияҳои корхона арзёбӣ мегардад. Низоми идоракунии хавфҳо ба сифати абзори оптимизатсияи равандҳои тиҷоратӣ дида баромада намешавад |
| Белоусова Л.В | 2013 | Қайд менамоянд, ки дар байни самтҳои идоракунии хавфҳо, илова ба усулҳои маъмурӣ (масалан, дар соҳаи танзими техникӣ) давлат ба субъектҳои ба фаъолияти иқтисодӣ машғулбуда, дар интихоби сиёсати идоракунӣ, аз ҷумла идораи хавфҳо мустақилиятро пешниҳод менамоянд |
| НАЗАРЯИ ОЛИМОНИ ВАТАНӢ | | |
| Мирсаидов А.Б. Саидмуродов Ш.М. | 2014 | Хавфи сармоягузорӣ – ин эҳтимолияти пайдоиши ғайричашмдошти талафоти молиявӣ дар ҳолати номуайянии шароити сармоягузорӣ мебошад |
| Ғаниев Т.Б. | 2014 | Пайдоиши хатарҳои бухронӣ дар ин ё он мамлакат, минтақа, гурӯҳ ва ё корхонаҳои алоҳида вобаста аз ҳолатҳои ногувори молиявию пулӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва рафтору нобовариҳои роҳбарони зинаҳои гуногун дар ин ҳолатҳо дар равони одамони алоҳида тарси ичтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиро ба вуҷуд меоранд |
| Одинаев Х.А | 2013 | Системаи ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо, ки раванди муназзами муайянкунӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳоро дар тамоми соҳаҳои фаъолият пешбинӣ мекунад, на танҳо дар ҷараёни идоракунии мустақими корхонаҳои энергетикӣ нақши муҳимро мебозад, балки яке аз воситаҳои зарурӣ барои рушд ва афзоиши сармоягузорӣ ва иҷрои нақшаҳо ва вазифаҳои стратегии он мебошад. |
| **НАЗАРИЯИ ДИССЕРТАНТ** | | |
| Хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври даврӣ ва стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии корхонаи саноатӣ мебошад, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст. | | |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Диссертант қайд намудааст, ки корхонаҳои саноатӣ дар фаъолияти худ бо намудҳои гуногуни хавф дучор меоянд, ки онҳо аз якдигар бо мавқеъ ва лаҳзаи ба вуқӯъ омадан, инчунин маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва берунии ба онҳо таъсиррасон фарқ мекунанд ва онҳоро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст:

- хавфҳои қарзӣ, ки бо имконияти аз тарафи дебиторҳо барнагардонидани воситаҳои қарзӣ алоқаманд аст;

- хавфҳои бозор, ки аз рӯи имконияти тағйироти шароити умумии бозор: фоизҳои гузошташуда ва нарх муайян карда мешаванд;

- хавфҳои сармоягузорӣ - имконияти нагирифтани боздеҳи сармоя, талафи сармояи гузошташуда;

- хавфҳои барҳамхӯрӣ - имконпазирии пастшавии арзиши пасандозҳо ва ҳамчунин барҳамхӯрии бозории онҳо;

- хавфҳои лоиҳавӣ - хавфи хатоҳо ва нобарорӣ дар лоиҳаҳои корхона;

- хавфҳои корӣ, ки бо имконпазирии вайроншавии уҳдадориҳои корӣ, қонунгузории умумӣ ва андоз, қонунгузории экологӣ ва хавфҳое, ки ба ном ва обрӯи корхона иснод меоваранд, алоқаманданд.

- хавфҳои эътиборӣ хавфест, ки ба туфайли тағйирёбии муносибати бозор ва нуқтаи назари ҷомеа нисбат ба корхона ба вуҷуд омада, боиси талафоти арзиши корхона ва пасандозҳои он, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳамчунин қобилияти иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои худ дар назди корхонаҳо ва мизоҷон, саҳомон ва умуман ҷомеа, яъне беэътибории он мегардад.

- хавфҳои фалокатӣ, ки ба сар задани фалокатҳои ҷиддии хусусияти табиӣ ва техногенидошта (фалокат, садама, сӯхтор, обхезӣ, зериобмонӣ, фавворазанӣ ва ғайра) вобастаанд.

Диссертант муайян намудааст, ки айни ҳол ба андозаи бештар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба хавфҳои қарзӣ ва бозорӣ алоқаманд мебошанд, вале дар шароитҳо ва раванди ҳодисаҳои муайян, ки ба туфайли сабабу натиҷа боиси хавфҳои саноатӣ мегарданд, метавонанд ба натиҷаҳои номатлуб оварда расонанд.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои корхонаи саноатӣ бояд дар алоқамандии ногу-састанӣ бо асосҳои назарияи идоракунии хавфҳо ҳамчун нуқтаи ибти-доии назарияи идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ дида баромада шаванд. Дар баробари ин диссертант қайд намудааст, ки принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои корхонаи саноатиро ба умумӣ ва хусусӣ тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар зери мафҳуми принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ нуқтаҳои асосиеро фаҳмидан мумкин аст, ки онҳо қонуниятҳои мавҷудаи хавфҳои иқти-содӣ, таҷрибаи ғуншуда,ғояҳои роҳбарӣ ва қоидаҳои асосии идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатиро инъикос менамоянд. Аз рӯи таҳлили ва коркардҳои муосири соҳаи идоракунии хавфҳо гурӯҳбандии принсипҳои низоми идоракунии хавфҳо дар шакли ҷадвал ҳамчун шакли мувофиқ, мухтасар ва ғунҷоишдори инъикоси муҳтавои принсипҳо пешниҳод гардидаанд.

**Ҷадвали 2. - Принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ**

| Принсип | Моҳияти принсип | Ба чӣ асос ёфтааст | Чӣ тавр ба даст меояд |
|---|---|---|---|
| Интегратсия | Имконияти ба намуд ва омилҳои нави хавфҳо саривақту ботезӣ ҷавоб додан ва ба он мутобиқ шудани тамоми низоми идоракунии хавфҳо дар назар дошта шудааст | Ба комплекснокии низоми идоракунии хавфҳо | Бо роҳи ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунӣ дар ҳар як зерсохтори объекти идоракун |
| Бефосилагии амалкард | Идоракунии хавфҳо дар вақташ бо фаъолияти корхона мувофиқ меояд | Ба тахмини доимӣ набудани дараҷаи хавфҳо ва зарурати доимо идора кардани хавфҳо | Ҷорӣ намудани алгоритмҳое, ки қодиранд хавфҳоро саривақт пешгирӣ ва таҳлил намоянд |
| Саривақтӣ | Иҷрои тартиби идоракунии хавфҳо дар муддати ба он мувофиқи вақт | Ба омӯзиши пай дар пай ва қабули қарор дар лаҳзаи муайяни вақт | Ҳамоҳангии амалҳои дар вақти муайян андешидашуда |
| Иттилоотнокии кофӣ | Ба менеҷери хавф танҳо дар ҳолати зарурати амал иттилоъ додан | Ба мавҷуд набудани сели иттилооти кофӣ | Ташкили маҷмӯи нисбатан оптималии методҳои баҳодиҳӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолият |
| Такмиили бефосилаи ташкили низом | Худрушдиҳии мунтазами зерсохтор | Ба болоравии (прогресси) кори зернизоми корхона | Ҷустуҷӯ ва ҷорӣ намудани методҳои нисбатан самаранoктар |
| Баланд бардоштани нақши низом | Ташкили дастгоҳи самарано-киаш баланди идоракунӣ, қобили-яти таъмин карда тавонистани ноил-шавӣ ба мақсадҳои низоми идоракунии хавфу хатар | Ба рушди усулҳои идоракунии хавфҳо дар фаъолияти амалӣ | Баланд бардоштани нақши мақомоти идоракунии дар низоми идоракунии хавфу хатар |
| Амсиласозӣ | Ба равандҳои алоҳида тақсим кардани фаъолияти корхона ва амсиласозии вазъ-иятҳои гуногун | Ба имконияти пешгӯӣ кардани вазъиятҳои алоҳида ва дар дараҷаи додашуда нигоҳ дошта-ни оқибати хавфи сарза | Амсиласозии вазъиятҳои мушаххаси зернизоми корхона |
| Ратсионалнокии маҳдуди Г. Саймон | Субъекти дилхоҳи иқтисодӣ қобилияти қабули қарорҳои хурди оптималиро надорад | Ҳатто низоми идоракунии хавфу хатар хеле мураккаб низ қобил нест пурра аз хавф раҳо ёбад, вале ба ин бояд саъй намояд | Гузаронидани ҳисобу китоб бо назардошти он ки ҳамаи хавфҳоро пешгӯӣ кардан номумкин аст |
| Аз тарафи кормандон қабул шудани қарорҳои хавфнок | Ҳар як корманди корхона метавонад нақши менеҷери хавфро иҷро намояд ва бояд барои қабули қарорҳои нисбатан бехавф манфиатдор бошад | Ба манфиатдор будани ҳамаи кормандон барои паст кардани хавф | Рушддиҳии фарҳанги корпоративӣ |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Ба андешаи диссертант, дар кори кормандони корхона принсипи таъмини иттилоотӣ нақши муҳим мебозад. Моҳияти он аз пешниҳоди миқдори оптималии иттилоот ба менеҷери хавф иборат буда, ба ҳамин минвол имкон пайдо мешавад, ки аз миқдори зиёдатии иттилоот ва сарфи захираҳо барои мониторинги доимии вазъи корхона канора гирифта шавад.

Гурӯҳбандии пешниҳодшудаи принсипҳои низоми идоракунии хавфу хатар аз принсипҳои мавҷуда бо он фарқ мекунад, дар баробари инъикоси моҳият онҳо ба чи асос ёфтани принсип ва чи тавр ба ин принсипҳои идоракунӣ ноил шуданро кушода медиҳанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар вилояти Хатлон ба ҷорӣ шудани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ва чун натиҷа, ба наздикшавии муносибатҳои муҳаққиқони ванативу хориҷӣ оид ба идоракунӣ ва таҳқиқи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхо-наҳои саноатӣ мусоидат намудааст (ҷадв. 3).

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дунё аз он ҷумла ИМА нишон дод, ки дар ин кишвар даҳҳо созмонҳое мавҷуданд, ки дар таҳқиқ, омӯзиш, таблиғ ва фурӯши воситаҳои муҳофизати хатар фаъолият доранд. Ба инҳо дохил мешаванд: биржаҳои фондӣ, донишкадаҳо, донишгоҳҳо, бонкҳо, брокерҳо, ширкатҳои суғурта, бюроҳои рейтингӣ ва иттилоотӣ, ширкатҳои машваратӣ ва экспертӣ. Назорати рафти хавфу хатарҳоро дар бахшҳои муҳими иқтисодӣ як қисми масъулияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ба монанди Низоми захиравии Федералии Захиравӣ (НЗФ), Корпоратсияи Федералии Амонатҳо (FDIC), Дафтари Назоратчии Асъор (OSS) мебошад. Аммо мутаасифона дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз яке аз вилоятҳои калонтарин аз лиҳози аҳолӣ ба ҳисоб меравад, то ба имрӯз марказҳои таҳлилии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ба қайд гирифта нашудааст. Ҳоло он, ки дар вилоят 6 донишгоҳу донишкадаҳо ва 19 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо фаъолият менамоянд. Бо дарназардошти ҳамин имкониятҳо, ба андешаи мо ҷорӣ намудани таҷрибаи ИМА дар вилояти Хатлон имконпазир мебошад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар самти идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар мамлакатҳои Аврумо ва ИМА ба таҳияи усулҳо, стандартҳо ва дастурҳои нав шурӯъ намуданд, ки ин амал метавонанд ба такмил додани чаҳорчӯби идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд. Принсипи умумии ҳамаи ин стандартҳо ва қоидаҳо қариб ба он асос ёфтааст, ки идоракунии самараноки хавфҳо аз пурзур намудани назорати дохилӣ дар корхонаҳоли саноатӣ вобаста мебошад. Чунки системаи хуби корбарӣ ва боэътимоди назорати дохилӣ асоси системаи идоракунии хавфҳо буда, ба мониторинги онҳо ва саривақт ҷавоб додан ба вазъ бо талафоти камтар мусоидат мекунад ва аз ин рӯ, заминаи рушди устувори корхона мебошад.

**Ҷадвали 3**

**Идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии мамлакатҳои хориҷӣ**

| Давлатҳо | Саволи 1 | Саволи 2 | Саволи 3 |
|---|---|---|---|
| Британияи Кабир | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф | Камкунии хавфҳо | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд |
| Швейтсария | Камкунии хавфҳо | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Баҳодиҳии хавфҳо |
| Белгия | Баҳодиҳии хавфҳо | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф |
| Ирландия | Камкунии хавфҳо | Баҳодиҳии хавфҳо | Ошкоркунии хавфҳо |
| Франсия | Ошкоркунии хавфҳо | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Баҳодиҳии хавфҳо |
| Нидерландия | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф | Мониторинги хавфҳо ва дар хусуси онҳо маълумот додан |
| Австрия | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Камкунии хавфҳо | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф |
| Дания | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф | Камкунии хавфҳо | Баҳодиҳии хавфҳо |
| Россия | Паст кардани хавфҳо ва дарки динамикаи рушди ҳодисаҳои хавф | Баҳодиҳӣ, мониторинги хавфҳо ва дар хусуси онҳо маълумот додан | Ошкоркунии хавфҳо |
| Дар ҷаҳон | Дарки хусусият ва самти ҳодисоте, ки сар задани хавфҳо ба онҳо алоқамананд | Дарки алоқамандии байни стратегияи фаъолият ва хавф | Камкунии хавфҳо |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи баъзе мамлакатҳои пешрафта ва танзими хавфҳои корхонаҳои саноатӣ тамоюли гузариш аз танзими меъёрӣ ба муносибати самтнокшудаи хавфҳоро нишон медиҳад, ки он дар амсиласозии комплексии ташаккули хавфҳо, бо дарназардошти хусусиятҳои равандӣ ва технологии объектҳо ва корхонаҳои истеҳсолии мушаххас инъикос мегардад ва қарорҳои онро дар низоми идоракунии хавфҳои ба системаи идоракунии умумӣ дохил кардашуда дар асоси меъёрҳои даромаднокии дарозмуҳлат ва устувории иқтисодии корхонаҳо истифода кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯзаи иқти-содиёти вилояти Хатлон самти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ки омили асосии ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти вилоят мебошад, нақши калидӣ дорад. Дар иртибот ба ҳамин дар вилоят  сохтмон ва ба кор даровардани корхонаҳои саноатӣ дар доираи имкониятҳои мавҷудбуда давом дорад. Ин амал, албата ба воситаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба роҳ монда мешавад.  Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тамоми  соҳаҳои иқтисодии вилоятро дар бар гирифта, ба рушди устувории иқтисодиёти вилоят таъсир расонида, фаъолияти сармоягузории вилоятро боз ҳам беҳтар менамояд.

Диссертант дар диссертатсияи худ лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшудаи вилояти Хатлонро ба се гурӯҳ яъне лоиҳаҳои худ, миёна ва калон ҷудо намудааст.

Таҳлилҳо нишон додааст, ки татбиқи лоиҳаҳои хурди сармоягузорӣ, дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 аз 200 то 5 млн. сомонӣ дар маҷмуъ 26 ададро ташкил медиҳад. Аз ин теъдод 19 адад бо сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ, 3 адад аз ҳисоби буҷети ҷумҳуривӣ, 3 адад аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва 1 адади дигар бо қарзҳои бонкӣ татбиқ карда шудаанд. Ҳаҷми маблағи лоиҳаҳои сармоягузори 6141,6 млн сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 4476,6 ё худ 72,9 фоиз ба сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ, 405,0 млн. сомонӣ ё 6,6 фоиз буҷети ҷумҳуривӣ, 980,0 млн. сомонӣ ё 16 фоиз маблағҳои худӣ ва 280,0 млн. сомонӣ ё 4,6 фоиз қарзи бонкӣ рост меояд. Тавре таҳлил нишон дод, ҳис-саи бештарро дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ин сармояи хориҷӣ ташкил медиҳад. Сармоягузории хориҷӣ, аслан барои муҷаҳазгардонии корхонаи коркарди чарму пойафзол дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисоди Данғара, бунёд намудани корхонаҳои хиштбарорӣ бо истифода аз технологияҳои муосир, корхонаи коркарди пусту пашм, таъсиси корхонаи полиграфӣ, сохтмони корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ ва кешбофӣ, ташкили корхонаи дӯзандагӣ, роҳандозии майдонҳои сехи қолинбофӣ, сохтмони корхонаи хишти пухта, бунёд намудани корхонаҳои истеҳсоли қолинҳои дастӣ, корҳои иктишофӣ геологии сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, корҳои ҷустӯию арзёбӣ дар зуҳурутҳои сурбу руҳ, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон мебошад.

Аммо ин  сармоягузориҳо аслан ба беҳтаршавии ҳаёти иҷтимоии мардуми вилоят  равона карда шудааст. Ба фикри диссертант равона намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо мақсадӣ беҳтарнамоии сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз

нигоҳи иқтисодӣ самаранок набуда, норасоиро ба миён меорад. Ба ҳамин хотир онҳо бояд аз ҳисоби буҷети мақомоти маҳаллӣ дастгирӣ карда шавад.

Татбиқи лоиҳаҳои миёнаи сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 аз 5,0 то 25,000 млн сомонӣ 17 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба лоиҳаҳои хурди сармоягузорӣ 9 адад кам мебошад.

Сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар ин намуди лоҳиҳаҳо аз ҳисоби се сарчашма яъне сармоягузории хориҷӣ, маблағҳои худӣ ва қарзҳои бонки амалӣ, гардидаанд.

Ба андешаи диссертант эҳтимолияти ба амал омадани ин хавф хеле баланд аст, зеро функсияи назорат оид ба тақсимоти маблағҳо ва тафтиши ноилшавӣ ба параметрҳои асосии барномаи сармоягузорӣ аз ҷониби давлат иҷро карда мешавад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон дод, ки татбиқи лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 аз 25,000 то 260,000 млн сомонӣ танҳо сармоягузорони хориҷӣ ҳисса доранду халос. Илова бар ин аз лоиҳаи татбиқшуда 2 лоиҳа ба муҳлати 5 сол, 3 лоиҳа ба муҳлати 3 сол ва 2 лоиҳаи дигар дар давоми ду сол дар иқтисодиёти вилояти Хатлон амалӣ карда шудаанд (ҷадв. 4).

**Ҷадвали 4. - Татбиқи лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузории хориҷӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2016-2020 (аз 25,000 то 260,000 млн сомонӣ)**

| Лоиҳа | Муҳлат ва маблағ | |
|---|---|---|
| | Муҳлат | Маблағ |
| Ташкили корхонаҳои ресандагӣ, бофандагӣ ва дӯзандагӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ | 5 | 259000 |
| Сохтмони 2-заводи коркарди алюминий дар ноҳияи Данғара бо иқтидори 200 ҳазор тонна дар як сол | 3 | 420000 |
| Сохтмони коргоҳи коркарди меваю сабзавот ва муҷаҳазгардонии онҳо бо таҷҳизот ва технологияи муосир бо иқтидори 300 тонна дар як сол дар ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷиликӯл, Хуросон, Данғара, Восеъ, Ҷалолиддини Румӣ, Шӯрообод ва Муъминобод | 5 | 25600 |
| Бунёд намудани корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 1,0 млн тонна солона ва таъсиси 360 ҷойи корӣ дар кони «Туюн тоғ»-и ноҳияи Шаҳритуз | 3 | 600000 |
| Сохта ба истифода додани корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 1,2 млн тонна ва таъсиси 400 ҷойи корӣ дар ноҳияи Данғара | 3 | 700000 |
| Сохтмони фабрикаи ресандагӣ дар ноҳияи Данғара бо иқтидори коркарди 300 ҳазор тонна нахи пахта (барои 200 ҷои корӣ) | 2 | 147000 |
| Сохтмони фабрикаи дӯзандагӣ дар шаҳри Кӯлоб ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти дузандагӣ (300 ҷойи корӣ) | 2 | 105000 |

**Сарчашма:** Барномаи рушди ичтимоиву иктисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2020. -С. 75-84.

Аз таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ диссертант хулоса намудааст, ки барои таъмини фоидаи сармоягузорон дар шароити хавфу хатар дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон мавҷудияти суғуртаи сармоягузо-риро тақозо менамоянд. Зеро хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ ин дар шароитҳои номуайяни сармоягузорӣ сар задани эҳтимо-лияти ё аз даст

додани фоида мебошад. Нишонаҳои ин хатарҳо бояд дар раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Дар ин маврид хавфу хатарҳо бояд баҳогузорӣ карда шаванд.

Раванди арзёбии хавф зинаҳои муайян кардани ҳалли мушкилот, оқибатҳои имконпазири иқтисодӣ, хусусан оқибатҳои нохуш, ки онҳо дар натиҷаи татбиқи қарори қабулшуда ба миён меоянд, инчунин паҳлу-ҳои интегралии хавф, ки он дар навбати худ аз ду ҷанбаи алоқаманд - сифатӣ ва миқдорӣ иборат мебошад, фаро мегирад. Чун одатан дар ҳолати муайян намудани дараҷаи хавф паҳлуи миқдории он арзёбӣ мегардад, ки он аксаран ба параметрҳои сифатии он мувофиқат менамояд. Тарзи ҳале, ки дар ҳолати мавҷудияти хавф қабул мегардад, пеш аз ҳама, бояд аз мавқеи эҳтимолияти ба даст омадани натиҷаҳои интизоршаванда ва майлкунии имконпазири он аз мақсадҳои пешгузош-ташуда арёбӣ карда шавад.

Вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон таваҷҷӯҳи хоса ба усулҳои таҳлилии баҳодиҳии хавфҳо, яъне усулҳое, ки тақсимоти эҳтимолиро ба назар мегиранд, зоҳир менамоянд. Ин усулҳо, чун қоида, барои арзёбии хавф-ҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳисобҳои молиявии корхонаҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки барои ҳалли масъалаи дурнамои сатҳи хавфҳо, истифодаи ҳамаи усулҳои оморӣ-иқтисодӣ дар асоси маълумоти қатори вақтӣ мувофиқи мақсад мебошад. Усулҳои мухталифи оварда-шударо ба инобат гирифта, формулаи муайян намудани сатҳи хавфро пешниҳод намудааст:

$$СХ_t = \frac{ҲИ_t - ҲФ_t}{ҲИ_t} \quad (1)$$

Дар инҷо, $СХ_t$ - сатҳи хавф дар давраи $t$;
$ҲИ_t$ - ҳаҷми истеҳсол дар давраи $t$;
$ҲФ_t$ - ҳаҷми фуруш дар давраи $t$.

**Ҷадвали 5. Динамика (тағйирёбӣ)-и сатҳи хавфи молиявӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” н. Ёвон (истеҳсоли семент) | | | | | | | | |
| 1 | Сатҳи хавфи молиявӣ | 0.000 | 0.002 | 0.008 | 0.021 | 0.005 | 0.040 | 0.007 |
| ҶДММ “Зироатшоҳ” н. Фархор (коркари пахта) | | | | | | | | |
| 1 | Сатҳи хавфи молиявӣ | 0.081 | 0.063 | 0.037 | 0.035 | 0.060 | 0.029 | 0.044 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омори вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Таҳлили рақаму далелҳо нишон додааст, ки сатҳи хавфу хатар дар ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” ноҳияи Ёвон, ки ба истеҳсоли семент машғул аст соли 2013 ба сифр баробар буда, дар соли 2019 ба 0,007 омада расидааст, ки ин нишондод ба фаъолияти корхонаи мазкур хатар надорад. Яъне фаъолияти корхона дар ҳолати хуб қарор дорад. Аммо дар ҶДММ “Зироатшоҳ” ноҳияи Фархор, ки ба коркари пахта машғул аст ҳолати ташвишоварро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ин корхона сатҳи хавфи молиявӣ соли 2013 ба 0,081 баробар бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 0,044 баробар

гаштааст. Гарчанде, ки сатҳи хавфу хатар нисбат ба соли 2013 0,037 паст гардида бошад ҳам, ҳанӯз ҳолат ташвишовар боқи мемонад.

Ба андешаи диссертант дар ҳолати мунтазам баланд гардидани сатҳи хавфи молиявӣ, корхонаҳои истеҳсолиро метавонад ба муфлис-шавӣ оварда расонад. Бинобар ин, барои раҳои ёфтан аз ҳолати муф-лисшавӣ, усулҳои зиёди кам кардани хавфҳо ба монанди: суғуртаи худ-таъмини хавфҳо, ташкили диверсификатсияи маҳсулот, амалисозии банақшагирии алтернативӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд, ки истифода намудани онҳо муфид мебошад.

Диссертант бо истифода аз моделҳои дурнамои ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши молро барои корхонаҳои саноатии ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Се-мент" ва ҶДММ "Зироатшоҳ" таҳия намудааст:

1. Модели ҳисобии дурнамои ҳаҷми истеҳсоли семент ($ДИС_t$).

$$ДИС_t = 199328.0091 + 208993.3739 \cdot Ln(t)$$
$$R^2 = 0.7899,\ DW = 1.31,\ \bar{A} = 8.11\%$$

2. Модели ҳисобии дурнамои ҳаҷми фурӯши семент ($ДФС_t$).

$$ДФС_t = 200365.0344 + 202996.4109 \cdot Ln(t)$$
$$R^2 = 0.7788,\ DW = 1.25,\ \bar{A} = 6.86\%$$

3. Модели ҳисобии дурнамои ҳаҷми истеҳсол аз коркарди пахта ($ДИП_t$).

$$ДИП_t = 26752.2429 + 1980.2964 \cdot t$$
$$R^2 = 0.5088,\ DW = 2.25,\ \bar{A} = 5.52\%$$

4. Модели ҳисобии дурнамои ҳаҷми фурӯш аз коркарди пахта ($ДФП_t$).

$$ДФП_t = 24718.1714 + 2076.5500 \cdot t$$
$$R^2 = 0.5104,\ DW = 2.14,\ \bar{A} = 8.43\%$$

Моделҳои таҳиягардидаи диссертант, моделҳои тренди хаттӣ ва тренди логарифмӣ буда, эътимоднокии онҳо аз рӯи тавсифҳои омории детерменитсия, апроксиматсия ва Дарбин-Уотсон санҷида шудаанд, ки барои истифодабарӣ мувофиқи мақсад мебошанд.

Диссертант бо истифода аз моделҳои дурнамои таҳиягардида, дурнамои истеҳсоли ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши семент дар ҶДММ "Ху-аксин Ғаюр Семент" ва ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши коркарди пахта дар ҶДММ "Зироатшоҳ" барои солҳои 2020-2025 ҳисоб намудааст (ҷадв.6).

Таҳлилҳои диссертант нишон додааст, ки соли 2025 дар ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" ҳаҷми истеҳсол ба 735385.4 ҳаз.сомонӣ ва фурӯ-ши семент 721040.5 ҳаз.сомонӣ ва ҶДММ "Зироатшоҳ" бошад ҳамин нишондиҳандаҳо ба 52496.1 ва 51713.3 ҳаз.сомони баробар мегардад.

**Ҷадвали 6. - Дурнамои ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш дар корхонаҳои саноатӣ, ҳаз. сомонӣ**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" н. Ёвон (истеҳсоли семент) | | | | | | | |
| 1 | Ҳаҷми истеҳсол | 633917.5 | 658533.4 | 680553.0 | 700472.2 | 718657.0 | 735385.4 |
| 2 | Ҳаҷми фурӯш | 622484.2 | 646393.7 | 667781.5 | 687129.2 | 704792.2 | 721040.5 |
| ҶДММ "Зироатшоҳ" н. Фархор (коркари пахта) | | | | | | | |
| 1 | Ҳаҷми истеҳсол | 42594.6 | 44574.9 | 46555.2 | 48535.5 | 50515.8 | 52496.1 |
| 2 | Ҳаҷми фурӯш | 41330.6 | 43407.1 | 45483.7 | 47560.2 | 49636.8 | 51713.3 |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омори вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст

Диссертант дурнамои сатҳи хавфи молиявиро дар корхонаҳои сано-атии вилояти Хатлон то соли 2025 дар ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" ба 0,020 ва ҶДММ "Зироатшоҳ" ба 0,015 пешгӯи намудааст.

**Ҷадвали 7. - Дурнамои сатҳи хавфи молиявӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" н. Ёвон (истеҳсоли семент) | | | | | | | |
| 1 | Сатҳи хавфи молиявӣ | 0.018 | 0.018 | 0.019 | 0.019 | 0.019 | 0.020 |
| ҶДММ "Зироатшоҳ" н. Фархор (коркари пахта) | | | | | | | |
| 1 | Сатҳи хавфи молиявӣ | 0.030 | 0.026 | 0.023 | 0.020 | 0.017 | 0.015 |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омори вилояти Хатлон ҳисоб карда шудааст

Ба андешаи муаллиф барои ҳалли масъалаи ташкили системаи хавф-менеҷери объектҳои саноатии хатарнок муайян кардани асосҳои сохторӣ, функсионалӣ ва равандии фаъолияти он зарур мебошад. Дар ин маврид, принсипҳои умумӣ ва консепсияи идоракунии хавфҳои корхо-наҳои саноатиро ташаккул додан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки вобаста ба хавфҳои ҷойдошта дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон принсипҳои сохтори низоми комплаенс-менеҷменти истеҳсолӣ дар асоси якҷоя бо функсияи сохтори зинагӣ пешниҳод шудааст (расми 1).

Аз сохтори функсияи комплаенс-менеҷменти корхона аён мегардад, ки онҳо дар шаклҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати идоракунӣ ва мувофиқан дараҷаҳои бо он алоқаманди корхона бояд ба таври гуногун ба амал бароварда шаванд. Ҳамин гуна комплаенс-менеҷменти ҳайати кормандони истеҳсолии саноатӣ бояд дар асоси истифодаи функсияҳои омӯзишӣ ва назоратӣ, ки бо методи назорати огоҳонӣ (ҳисоботдиҳӣ) ва аудит татбиқ мешавад амалӣ гардонида шавад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло метавон хулосабарорӣ намуд, ки комплаенс-менеҷмент унсури менеҷменти хавфи корхона маҳсуб ёфта, онро ба сифати вазифаи назоратӣ дар равандҳои тиҷоратӣ истифода бурдан мумкин аст.




